«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хушвахтзода Қ.Х.
_______________________
«10» __________ с. 2022

# ХУЛОСАИ

**ҷаласаи муштараки кафедраҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия, ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ ва криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

оид ба мубрамият ва аҳамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Абуллозода Ҷамолиддин Абдулло дар мавзуи «Масоили таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллозода Ҷамолиддин Абдулло дар мавзуи «Масоили таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия муҳокима гардида, дар асоси суратмаҷлиси №1 аз 30-августи соли 2022 ба ҳимоя тавсия дода шудааст.

Абдуллозода Ҷамолиддин Абдулло соли 2002 ба факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил гардида, соли 2007 онро аз рӯйи ихтисоси «ҳуқуқшиносӣ» хатм намуда, аз соли 2017 то соли 2022 ӯ ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар гурӯҳи буҷавӣ ба ҳисоб мерафт. Ҳамзамон, Абдуллозода Ҷамолиддин Абдулло аз соли 2008 инҷониб дар мақомоти судии кишвар ва аз моҳи феврали соли 2020 дар вазифаи раиси суди ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон фаъолият намуда истодааст.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ санаи 24 феврали соли 2022, № 19 дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ ба талаботи манзурнамудаи банди 17-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**Роҳбари илмӣ**: – Шарипов Тақдиршоҳ Шарипович, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Мубрамии мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Бо шарофати ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ, қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми соҳаҳои ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ, аз ҷумла ҳаёти ҳуқуқии кишвар низ дигаргуниҳои куллӣ ва тағйиротҳои чашмрас падид омаданд. Дар натиҷаи татбиқи бомароми ислоҳотҳои ҳуқуқӣ бо дарназардошти рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ҳамқадами замон гардонидани мазмуну моҳияти қонунгузории амалкунанда дар низоми ҳуқуқии мамлакат таҳаввулот ба вуқуъ пайваст. Маврид ба зикр аст, ки ин истилоҳотҳо ва дигаргуниҳо низ соҳаи ҳуқуқи ҷиноятиро фаро гирифтанд. Гузариш ба низоми нави давлатдорӣ, эътирофи шаклҳои гуногуни моликият, аз ҷумла моликияти хусусӣ, ба роҳ мондани фаъолияти иқтисодӣ ва пешбурди шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ дар умум зарурати аз нигоҳи ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳифз ва ҳимояи арзишҳои нави иҷтимоӣ ва падидаҳои ҳуқуқиро рӯйи кор овард.

Аз ин рӯ, дар шароити то рафт вусъат пайдо кардани ҷиноятҳои фаромиллӣ бо дарназардошти паёмадҳои ногувори раванди ҷаҳонишавӣ ва муқовимат алайҳи ҷинояту ҷинояткорӣ беш аз ҳар вақта дигар мавқеи муҳимро касб менамояд.

Дар марҳилаи муосири рушду инкишофи ҷомеаи тоҷикон ҷазои ҷиноятӣ василаи таъсиргузори давлат нисбат ба ҷинояти содиргардида мебошад. Дар иртибот ба ин масъала Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бамаврид қайд менамоянд, ки «Вазъи тағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза ва хусусияти устувор пайдо намудани зуҳуроти хатарноки замони муосир, аз ҷумла терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, киберҷиноятҳо ва дигар ҷиноятҳои фаромиллӣ, ки башариятро ба ташвиш овардаанд, моро водор месозад, ки ба масъалаҳои таъмини амнияти кишварамон диққати аввалиндараҷа диҳем. Зеро пайравони созмонҳои террористиву экстремистӣ барои ноором сохтани вазъият дар ҷомеа ва тафриқаандозиву барангехтани низоъҳои диниву мазҳабӣ кӯшиш карда, барои гумроҳ сохтани сокинони мамлакат, бахусус, ҷавонон ва ба созмонҳои манъшуда ҷалб намудани онҳо аз шабакаҳои интернетӣ васеъ истифода мебаранд. Тавре ки ман борҳо таъкид карда будам, фаъолияти чунин равияҳои экстремистӣ, радикалӣ ва хурофотпарастӣ яке аз омилҳои асосии хатарзо барои

имрӯзу фардои Тоҷикистон ва дигар кишварҳои минтақа ба шумор меравад ва аз мо андешидани чораҳои муштаракро талаб менамояд».

Аз ин лиҳоз, таъини ҷазои ҷиноятӣ тартиби дақиқи ҳуқуқӣ ва асосноккунии илмиро талаб менамояд, то ки гунаҳгор ҷазои сазовор гирифта, талаботи адлу адолат риоя гарданд ва чораҳои таъсирасонии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ танҳо барои ноил гардидан ба мақсаду ҳадафҳои назди ҷазо гузошташуда роҳандозӣ шуда, онҳо бояд дар ҳадди зарурӣ истифода бурда шаванд. Маҳз дар ҳамин раванд моҳияти яке аз самтҳои асосии сиёсати ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода мегардад.

Муайян кардани андозаи ҷазои аниқ барои ҷинояти ягона, ки гунаҳгор содир намудааст, бештар мушкилотҳои ҷиддиро ба миён меоварад. Аммо агар гунаҳгор якчанд ҷиноят содир намуда, дар кирдори ӯ аломатҳои якчанд таркиби мустақими ҷиноятҳо дида шаванд, боз ҳам мавқеи судро дар мавриди интихоби ҷазоҳои ҷиноятии дахлдор мураккаб мегардонад.

Тавре, ки натиҷаи омӯзиш ва таҳлили ҳаматарафаи таҷрибаи тафтишотӣ-судии кишвар нишон медиҳад, ки ҳолатҳои зиёде аз ҷониби шахсони алоҳида содир кардани якчанд ҷиноятҳо баръало ба чашм мерасанд. Чунин ҳолат бо сабаб ва омилҳои гуногун асос мeёбад. Аз ҷумла: 1) дар баъзе ҳолатҳо шахс то дастгир гардидан пай дар пай ва дар вақтҳои гуногун ду ва зиёда аз он ҷиноят содир намуда, ҳамзамон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад; 2) дар ҳолати дигар бо як ҳаракат ду ё зиёда аз он кирдори ҷиноятӣ содир менамояд; 3) дар ҳолати сеюм ҷинояти навро пас аз эълон гардидани ҳукм барои ҷинояти қаблан содирнамуда ё пас аз эътибори қонунӣ пайдо намудани он, аммо то иҷро шудани ҳукм ё ин ки мавриди адои ҷазо, содир намудааст; 4) маҳкумшуда ҷинояти навро ҳангоми муҳлати адонагардидаи ҷазо, пас аз шартан пеш аз муҳлат озод гардидани худ, иваз кардани муҳлати адонагардидаи ҷазо бо ҷазои сабуктар ё ин ки дар давраи муҳлати санҷишӣ ҳангоми шартан маҳкум шудан ё ин ки ҳангоми таъин намудани ҷазо бо татбиқи шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод кардан ба тариқи м.71-и КҶ ҶТ пешбинишуда содир менамояд; 5) шахс пас аз пурра адо намудани ҷазо аз рӯи ҳукми пештара, аммо то барҳам хӯрдани доғи судӣ барои ҷинояти содирнамудааш, боз ҷиноят содир менамояд; 6) ҷинояти навро пас аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ё ҷазо ба тариқи м.м. 72,73,74 ва 75-и КҶ ҶТ пешбинишуда озод шудан содир менамояд.

Дар ҳуқуқи ҷиноятӣ мавҷуд будани падидаи сершуморагии ҷиноятҳо бештар бо зарурияти баамалбарории принсипи ногузирии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҳар як ҷинояти содирнамуда, инчунин таъмини адолати иҷтимоӣ ба воситаи асосноккунии ҳуқуқии иловагӣ оид

ба таъини ҷазои сахттар нисбати шахсе, ки якчанд ҷиноятро содир намудааст, асос меёбад.

Мавриди муайян намудани ҷазои ниҳоӣ нисбате шахсе, ки якчанд ҷиноятро содир намудааст, дар таҷрибаи судӣ мушкилотҳои зиёде ба миён меоянд.Ба ақидаи муаллиф, ин ҳолат бинобар сабаби мушкилоти танзими ҳуқуқии қонуният, аз ҷумла нокифоя будани тартиби дақиқи ҳуқуқии қоидаҳои таъини ҷазо аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо ба вуҷуд меоянд.

Қабули қарорҳои беасос оид ба намуд ва андозаи ҷазо шаъну эътибори адолати судиро паст мезананд, онҳо ба тағйир додан ё бекор кардани ҳукм ва хароҷотҳои дорои хусусияти моддӣ ва зарари ҷуброннопазири маънавӣ, ки бо баррасии такрории парванда алоқаманд аст, оварда мерасонад.

«Норасоии» мавҷудаи қонунгузорӣ, ки масъалаи таъини ҷазоро ба танзим медарорад, субъективизмро ба миён меоварад, аз ин рӯ, дар таҷрибаи судӣ низ ихтилофҳо пайдо мегарданд.Аз ин рӯ, бо дарназардошти зарурати такмили танзими ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятӣ дар иртибот ба падидаи таъини ҷазо аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо дар асоси афкори пешқадами олимони соҳа ва таҷрибаи пешрафтаи кишварҳои мутамаддин зарурати анҷом додани таҳқиқоти комили илмӣ оид ба масъалаи мазкур ҷой дорад.

Меъёрҳои амалкунандаи КҶ ҶТ, ки масъалаи таъини ҷазоро ба танзим медароранд (аз он ҷумла, меъёрҳо вобаста ба қоидаҳои таъини ҷазо аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо), дорои камбудиҳои ҷиддӣ мебошанд. Аз ин рӯ, бо дарназардошти дастовардҳои муосири илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, криминология, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии кишварҳои узви ИДМ ва таҷрибаи судӣ ин меъёрҳо бояд бознигарӣ карда шуда, аниқу мушаххас тартиб дода шаванд.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар он зоҳир мегардад, ки рисола яке аз нахустин корҳои илмии назариявӣ ва амалии ҳуқуқи ҷиноятии замони муосир дар бораи таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо пас аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба КҶ ҶТ» аз 17 майи соли 2004, №35, ки бевосита вобаста ба масъалаи мавриди таҳлил қарордошта ворид шуда буданд ба шумор рафта, аз навгониҳои зерин иборат мебошад:

- бори аввал дар рисолаи илмӣ таърихи пайдоиш ва инкишофи мафҳуми серушморагии ҷиноятҳо даврабандӣ гардида, муаллиф онро ба якчанд давраи инкишоф ҷудо намудааст. Ҳамчунин, муаллиф моҳият ва аломатҳои сершуморагии ҷиноятҳоро ба таври мушаххас нишон дода,

дар моддаи алоҳида муқаррар намудани мафҳуми сершуморагии ҷиноятҳо ва намудҳои онро пешниҳод намудааст.

- дар рисолаи илмӣ мафҳуми маҷмӯи ҷиноятҳо, ки он ҳамчун як шакли сершуморагӣ аз омезиши миқдорӣ ва сифатии ҷиноятҳои ягона ба вуҷуд меояд, намудҳои маҷмӯи ҷиноятҳо аз қабили, реалӣ ва идеалӣ ва аломатҳои фарқкунандаи онҳо ба таври мушаххас муайян карда шудааст.

- дар рисолаи илмии мазкур маҳакҳои фарққунандаи маҷмӯи ҷиноятҳо аз ҷиноятҳои алоҳида содиршуда аз қабили, фарқияти он аз ҷиноятҳои дарозмуддат, ҷиноятҳои давомдор ва ҷиноятҳои ягонаи мураккаб муайян гардидаанд.

- мафҳуми назариявии асосҳои умумии таъини ҷазо муайян карда шуда, хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноятҳо ҳамчун меъёри таъини ҷазо аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо, баҳогузории шахсияти гунаҳгор ҳамчун яке аз меъёрҳои таъини ҷазо ва ҷойи ҳолатҳои сабуккунанда вазнинкунанда дар қатори меъёрҳои таъини ҷазо дар алоҳидагӣ нишон дода шудаанд.

- дар рисолаи илмӣ қоидаҳои муайян (алгоритм) оид ба таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо аз рӯи принсипҳои ҷазои сабуктарро дар бар гирифтани ҷазои вазнинтар, пурра ё қисман зам намудани ҷазоҳо пешкаш гардидаанд, ки имконият медиҳанд таъсири онҳо ба намуд, мӯҳлат ва андозаи ҷазо инъикос карда шаванд. Ҳамчунин, навгонии дигари илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки асоснокии зарурати дар моддаи алоҳида муқаррар кардани тартиби таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо, ки барои яке аз ин ҷиноятҳо ҷазои якумра маҳрум сохтан аз озодӣ таъин карда шудааст, амалан асоснок гардидааст.

- дар рисолаи илмии мазкур мафҳум, тартиби интихоб ва таъини ҷазоҳои иловагӣ барои маҷмӯи ҷиноятҳо муайян гардида, навгониҳо оид ба бартараф намудани таҷрибаи судӣ пешиҳод мегарданд.

Нуктаҳои асосии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, навгонии рисолаи илмӣ ва ҳалли вазифаҳои гузошташударо инъикос менамоянд.

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти мазкур муайян кардани проблемаҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалӣ вобаста институти таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо, аз ҷумла, мафҳум, моҳият ва аломатҳои сершуморагии ҷиноятҳо, мафҳум ва намудҳои маҷмӯи ҷиноятҳо, маҳакҳои фарқгузории маҷмӯи ҷиноятҳо аз ҷиноятҳои алоҳида содиршуда, асосҳои умумии таъини ҷазо, тартиби қоидаи татбиқи ҷазои сабуктарро дар бар гирифтани ҷазои вазнинтар, пурра ё қисман зам намудани ҷазоҳо ҳангоми таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо ва

ҳамчунин таъини ҷазоҳои иловагӣ барои маҷмӯи ҷиноятҳо ва дар ин замина коркарди роҳҳои ҳалли мушкилоте, ки судҳо ҳангоми таъини ҷазо аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо рӯ ба рӯ мешаванд, таклифот ва тавзеҳоти мушаххас оид ба такмил додани қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Ҷиҳати ноил гардидан ба мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ дар назди муаллиф вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:

-таҳлили мафҳум, моҳият ва аломатҳои сершуморагии ҷиноятҳо;

-таҳлили мафҳум ва намудҳои маҷмӯи ҷиноятҳо;

-муайян намудани маҳакҳои фарқгузории маҷмӯи ҷиноятҳо аз ҷиноятҳои алоҳида содиршуда;

-омӯзиши асосҳои умумии таъини ҷазо;

-муайянсозии тартиби қоидаи татбиқи ҷазои сабуктарро дар бар гирифтани ҷазои вазнинтар, пурра ё қисман зам намудани ҷазоҳо ҳангоми таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо;

-тартиби интихоб ва таъини ҷазоҳои иловагӣ барои маҷмӯи ҷиноятҳо;

-коркард ва таҳия намудани тавсияҳои дахлдор оид ба такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба институти таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо ва татбиқи он дар амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ.

**Хулосаҳо ва тавсияҳои илмии** дар диссертатсия матраҳгардида бо истифода аз ақидаҳо ва мафҳумҳои пазируфташудаи илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, таҷрибаи судӣ, инчунин қонунгузории ҷиноятии давлатҳои алоҳида оид ба масъалаи таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо исбот карда шудаанд. Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз сатҳи навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ дарак медиҳанд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ кори илмии анҷомёфта буда, дар он вазифаҳои гузоштвшуда пурра ҳалли худро ёфтаанд.

Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷӯ 8 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 5 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақола дар нашрияҳои дигар бо забонҳо тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ ба табъ расонидааст. Интишороти муаллиф мазмун ва моҳияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос намуда, таҳлили онҳо дар қисми хулоса ва тавсияҳои диссертатсия ҷой дода шудаанд.

**Тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети

ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардида, дар ҷаласаҳои кафедра мавриди муҳокима қарор гирифтааст. Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар мақолаҳои муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар маҷаллаву маҷмӯаҳо ба нашр расидаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмии зерин ба тариқи маърӯза аз ҷониби муаллифи рисола пешниҳод гардидаанд:

**а) байналмилалӣ:**

«Национальная правовая система Республики Таджикистан и стран СНГ: анализ тенденций и перспектив развития»- маърӯза дар мавзӯи «Маҷмӯи ҷиноятҳо ва таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои аъзои ИДМ (ташхиси муқоисавӣ)» дар Донишгоҳи Тоҷикӣ-Русӣ (Славянӣ) 30 октябри соли 2020;

**б) ҷумҳуриявӣ:**

«Масъалаҳои мубрами муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» – маърӯза дар мавзӯи «Баъзе масъалаҳои назариявӣ ва амалие, ки ҳангоми таъини ҷазо барои ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ба миён меоянд» дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 9 декабри соли 2017;

«Бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028, Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, 140-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ ва 70- солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» – маърӯза дар мавзӯи «Баъзе аз масоили таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо» дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 26 апрели соли 2018;

«Масъалаҳои мубрами муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» – маърӯза дар мавзӯи «Хусусиятҳои хоси таъини ҷазои маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян ҳамчун ҷазои иловагӣ» дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 20 октябри соли 2018.

Маврид ба тазаккур аст, ки нуктаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои амалие, ки аз ҷониби унвонҷӯ дар рисола манзур карда шудаанд, метавонанд дар таҳияву таҷдиди қонунгузории ҷиноятии ҶТ саҳмгузор бошанд. Инчунин, натиҷаҳои рисоларо метавон дар таълими фанҳои «Ҳуқуқи ҷиноятӣ», «Ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ», «Асосҳои умумии таъини ҷазо», ҳангоми навиштани корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм ва рисолаҳои магистрӣ истифода бурд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** бо он муайян карда мешавад, ки натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла, хулосаҳои назариявӣ, таклифу пешниҳодҳо ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, метавонанд дар ҷодаи рушду такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ оид ба институти шартан татбиқ накардани ҷазо ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ саҳми назаррас дошта бошанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ), ки бо қарори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми сентябри соли 2021, таҳти №7 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллозода Ҷамолиддин Абдулло дар мавзуи «Масоили таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, аз тарафи муаллиф мустақилона таълиф гардида, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷа ва нуктаҳои нави илмӣ мебошад ва саҳми шахсии муаллифро дар соҳаи илм нишон медиҳад.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Абдуллозода Ҷамолиддин Абдулло дар мавзуи «Масоили таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти илмӣ-соҳавӣ ба ҳисоб рафта, ба талаботи пешбинигардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Абдуллозода Ҷамолиддин Абдулло дар мавзуи «Масоили таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷиҳати ҳимоя намудан барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-019 тавсия карда шавад.

Хулоса дар маҷлиси муштараки кафедраҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия, ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ ва криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар

маҷлис иштирок доштанд: 13 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 13 нафар, «зид» – 0 нафар, «бетараф» – 0 нафар, суратмаҷлиси ҷаласаи муштараки кафедраҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия, ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ ва криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (таъйиноти декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ аз 20 сентябри соли 2022, таҳти №47) аз 1-уми октябри соли 2022.

**Раиси маҷлиси муштарак:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент Қурбонализода Н.Ш.

**Котиби маҷлиси муштарак:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Шарипов С.С.

**Муқарризи №1:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
дотсенти кафедраи криминалистика
ва фаъолияти экспертизаи судии
факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Давлатзода К.Д.

**Муқарризи №2:**
номзади илмҳои ҳукукшиносӣ,
дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ,
криминология ва психологии Академияи
ВКД ҶТ, майори милитсия Нарзуллозода С.С.

**Имзоҳоро тасдиқ мекунам:**
**Сардори РК ва КМ ДМТ**
**«10» 10 2022 с.** **Тавқиев Э.Ш.**

Имзои Нарзуллозода С.С.-ро тасдиқ мекунам.
Муовини сардори шк РК ва КМ Академияи
к/к-ии милитсия Азимӣ У.А.
10.10.22